ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D. КОА-71 назди
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
аз «24» сентябри соли 2025 ш. Душанбе

Суханронии Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)), тақризи муассисаи пешбар – кафедраи усули таълими химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» – Раҷабов Умаралӣ, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» – Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод, муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Файзализода Баҳрулло, доктори илмҳои биологӣ, профессор Сатторов Тоҳирҷон ва доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров Сангро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навгонӣ ва натиҷаҳои ба даст овардаи Бобозода Убайдулло Холмирзо

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Бобозода Убайдулло Холмирзо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) ба Бобозода Убайдулло Холмирзо аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 10 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров Санг

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Алимов Сирочиддин Шералиевич

24 сентябри соли 2025